**Тақриз**

**ба фишурдаи диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Қобили кайд аст, ки аз гузаштаи дур истифода аз сарчашмаҳои муҳимми ташаккул ва инкишофи ҳар як адабиёти миллӣ омӯзишу баҳрабардорӣ аз адабиёти халқҳои дигар яке аз мавзуъҳои мубрам маҳсуб ёфта, метавон гуфт, ки ягон адабиёти миллӣ бидуни адабиёти халқҳои дигар рушду нумуъ накардааст ва нахоҳад кард. Робитаҳои илмӣ дар адабиёт, ки вазоифи он омӯзиши қиёсии масъалаҳои адабӣ буда, он на фақат дар кишвари Тоҷикистон ҳамчун як самти нави илми филология дар ҳолати шаклигирӣ қарор дорад, балки дар солҳои охир дар адабиётшиносии ҷаҳон низ як падидаи тоза зуҳур кард.

Бояд гуфт, ки робитаҳои адабии тоҷикону арабҳо таърихи қадима дошта, омӯзиши он бисёр доманадор ва густурда маҳсуб меёбад. Бинобар ин, аз фишурдаи рисолаи илмии муҳаққиқ бармеояд, ки таъсирпазирии яке аз шоирони мумтози муосири араб Илё Абумозӣ аз Умари Хайём дар баъзе китобҳо, аз кабили "Дирасатун фи-ш-шеър-ил-арабий-ил-муосир"- и Шавқӣ Зайф, "Умар-ал - Хайём рубоиёту фи-осор-ид-диросайн-л-араб"- и Баккор Юсуф ва амсоли инҳо зикр ёфтааст. Аммо, ин он маъно надорад, ки мавзуъ пурра мавриди таҳқиқ қарор ёфтааст. Гуфтан ба маврид аст, ки таҳқиқи марҳила ба марҳила омӯхтани яке аз шоирони барҷаста ва маъруфи адабиёти муосир Илё Абумозӣ аз зумраи шоирони ҳунармандест, ки аз худ осори адабии ғановатмандеро ба мерос гузоштааст, ки қобили омӯзишу таҳқиқи мустақил ва ҷудогона мебошад.

Диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич таҳқиқи масъалаҳои таъсиргузорӣ ва таъсирпазирии адабӣ дар мисоли осори шоири маҳҷарӣ Илё Абумозӣ ва "Рубоиёт"- и Умари Хайём бахшида шуда, аз баррасии фишурда ба хубӣ ба назар мерасад, ки муҳаққиқ мавзуъро хуб медонад, фаъолияти хуби пажуҳишӣ дорад, ба баҳси илмӣ дуруст ворид мешавад ва натиҷагириҳояш назаррас аст.

Диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич аз муқаддима, се боб, 10 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Дар муқаддима унвонҷӯ ҳамаи талаботи навиштани фишурдаро бо як низоми муайян риоя кардааст, ки моҳияти мавзуи тадқиқшаванда, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, сарчашма, метод, навгониҳо, арзиши назариву амалӣ ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо як раддабандии дуруст нигошта шудаанд.

Боби якуми диссертатсия “Рӯзгор ва осори Илё Абумозӣ” ном дошта, аз чор фасл иборат аст. Дар ин боб муҳаққиқ роҷеъ ба рушди шахсияти нависанда ва таъсиси мактабҳои адабии арабии типи нав ва мақому манзалату ҷойгоҳи адибони “Маҳҷар” ва саҳми Илё Абумозӣ дар адабиёти араб ба пажуҳиши илмӣ кашидааст. Дар ин боб вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангию адабии ибтидои асри XX, мавқеи шоир дар муҳоҷират дар кишвари Амрико ва робитаи ӯ бе адибоне, ки дар таъсиси мактаби адабии “Робитаи қаламӣ” ширкат варзиданд, хеле барҷаста инъикос ёфтааст.

Боби дуюми диссертатсия “Таъсири рубоиёти Умари Хайём ба адабиёти муосири араб ва эҷодиёти Илё Абумозӣ” унвонгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат аст. Дар ин фаслҳо муҳаққиқ роҷеъ ба мавқеи рубоиёти Умари Хайём дар мамолики араб ва қасидаи Илё Абумозӣ бо унвони “Талосим” ки таҳти таъсири рубоиёти Умари Хайём қарор ёфтааст, андешаи хешро муфассал баён намудааст.

Боби сеюми диссертатсия “Таҳлили муқоисавии андешаҳои Умари Хайём ва Иле Абумозӣ” ном дорад ва аз чор фасл фароҳам омадааст. Дар ин боб муҳаққик бештар ба масъалаҳои фалсафӣ, аз ҷумла: роҷеъ ба фалсафаи офариниш, накши инсон дар ҷаҳони суфлӣ, бебақо будани инсон, арзишҳои ҳаёти инсонӣ, мафҳуми хамр ва муқоисаи озодандешӣ дар рубоиёти Умари Хайём ва Илё Абумозӣ таваҷҷуҳ дода, онҳоро ба таври муқоиса ба андешаҳои Умари Хайём мавриди баррасӣ қарор додааст.

Хулосаҳояшро муҳаққиқ аз пажуҳиши мавзуъ дар 11 банди мушаххас нишон додааст, ки дар маҷмуъ бардоштҳои ҷолиби илмӣ маҳсуб меёбанд.

Таҳқиқоти Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич бартариҳои зиёд дорад ва таҳқиқоти комилан анҷомёфтаи илмӣ мебошад. Дар баробари муваффаҳиятҳо дар автореферати диссертатсия баъзе норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

1. Аз таҳлилҳои унвонҷӯ бармеояд, ки ӯ аз маълумоти донишмандони тоҷику рус зиёд истифода бурдааст, аммо мавриди зикр аст, ки дар солҳои охир аз ҷониби муҳаққиқони амрикоӣ, олмонӣ, эронӣ ва дигар кишварҳои хориҷӣ роҷеъ ба робитаҳои адабии мамолики араб корҳои илмӣ дар шакли мақола омодаи чоп шудаанд, диссертант метавонад аз таҳқиқоти онҳо ҳам чанд нуктаҳои марбут ба пажуҳишаш вориди рисола намояд.
2. Дар матни фишурда баъзан ғаллатҳои техникӣ дар саҳифаҳои 4, 5, 7, 10, 12 ва 15 дида мешаванд.

Камбудиҳои дар автореферат вуҷуд дошта ҷузъӣ буда, қимати илмии онро коста намекунанд. Аз фишурда маълум мегардад, ки

диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич таҳти унвони «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» кори пурарзиш ва анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, номбурда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз,**
Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи адабиёт
ва санъати Донишгоҳи давлатии Хоруғ
ба номи М.Назаршоев Таваккалов Ҳ.С.

Имзои Таваккалов Ҳ. С. - ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсус Саидраҳмонов Н.С.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: Ш. Хоруғ, кӯчаи Додихудо Миликбеков 124.
Моб: (+992)938213323
E-mail: haydar6060@mail.ru

«01» 12 2023